INNOVATIVE WORLD

ISSN: 3030-3079
Impact Factor: SJIF X.XXX

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

Open Access, Peer Reviewed Journal

Scientific Journal






# ЖАНРИ ҲИКОЯ ДАР ЭҶОДИЁТИ РАВШАН МАХСУМЗОД

**РАСУЛОВ ҶАВОҲИР ХУШВАҚТОВИЧ**
Донишҷӯи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

**Вожаҳои калидӣ**

ҳикоя, мазмуну мундарича, забону услуб, санъатҳои бадеӣ.

***АННОТАТСИЯ.***
Дар мақола оиди мазмуну мундарича, забону услуби ҳикояҳои Равшан Махсумзод маълумот дода мешавад. Барои навиштани ин мақола ҳикояҳои китобҳои «Духтари кӯҳистон», «Сояи ишқ», «Кафан киса надорад», «Пули Сирот», «Дили модар» ва «Ишқи зистан» истифода бурда шуд.

## МУҚАДДИМА

Ҳикоя яке аз жанрҳои деринаи адабиёти мумтози форсу тоҷик ва халқҳои дигари Машриқзамин ба шумор меравад. Дар байни осори насрӣ жанри мазкур яке аз жанрҳи қадимтарин ва муҳимтарин аст. Истилоҳи ҳикоя (арабӣ – нақл, ривоят, сухан) як навъи асарҳои таърихи он ҳамосӣ мебошад. Ҳикоя асари хурди бадеӣ буда, як воқеаро, як лаҳзаи муҳимиеро аз зиндагӣ ва ҳаёти инсон дар бар мегирад. Муҳимтарин хусусияти ҳикоя ин аст, ки дар он воқеа аз ҷиҳати замону макон ва ҳаҷм маҳдуд ва фишурда мебошад. Нависанда ягон ҳодисаро аз ҳаёти ин ё он шахс ба тасвир гирифта, хусусиятҳои муҳими зиндагии ӯро ба воситаи ҳамин лавҳа тасвир менамояд. Солҳаи навадуми садаи гузашта ва баъди он ки замони истиқлолияти кишварро низ дарбар мегирад, марҳилаи нави ташаккул ва таҳаввули ҳикояи тоҷикӣ аст. . Дар ин давра, дар ҳикоя фарогирӣ ва бозофаринии розу ниёзи милливу инсонӣ, ки заминагузораш истиқлолияти кишвар аст, нуфуз пайдо карда, омили тақвиятёбии махсусиятҳои миллии адабиёт гардид. Ба ифодаи дақиқтар, дар ҳикояи ин давра тамоили худогоҳию худшиносии қаҳрамон ривоҷ ёфта, сарнавишти таърихиву имрӯзӣ ва фардоии миллат мавриди таваҷҷуҳи нависандагони ҳикоянавис қарор гирифт. Дар инкишофи жанри ҳикоя Равшан Махсумзод хизматҳои арзанда кардааст. Бо маҷмӯаи ҳикояҳои баландмазмунаш ба адабиёти тоҷик бо як салобат даромада омадааст.Ҳикояҳои ӯ дорои мазмуну мундариҷаи гуногун буда дар бораи камбудиву беҳбудиҳои замона, воқеотҳои ҷолиби давр, зулму ситам, маккориву қаллобии баъзе мардумон, қадру қиммати инсон, воқеотҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ҳалли баъзе масъалаҳои ҷамъиятӣ ва ғайраҳо маълумотҳои ҷолибу диққатпазир медиҳад. Равшан

INNOVATIVE WORLD

Махсумзод бо ҳикояҳои баландмазмуну сершумори худ ҳикоянависии адабиёти тоҷикро ривоҷ дода сатҳи ҳикоянависиро дар адабиётамон боло бардоштааст.

**МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО**

Равшан Махсумзод яке аз нависандагони хушсалиқаи муосири тоҷик мебошад, ки бо ҳикояву қиссаҳои дилнишину баландмазмун ва пуробутоби худ дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ҷои махсусро соҳиб гардидааст.

Дар асарҳои Равшан Махсумзод низоъҳои ботинӣ, маънавию ахлоқӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи бадеии маънавияти инсон ҳамеша дар мадди назари Равшан Махсумзод қарор доштааст.

Нависанда дар асарҳои калонҳаҷми худ масъалаи имрӯз барои тамоми инсоният муҳимро оид ба чигунагии виҷдону шараф, зебоию зиштӣ, улвияту қабоҳат, баландию пастии хулқи инсонӣ бо эҳтиросу эҳсосоти чуқур бо қувваю боварии комил ба миён мегузорад. Аз бозе ки адабиёт ба масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ ба таври ҷиддӣ рӯ оварда, симои маънавии афроди ҷамъиятро аз ҳар тараф ба тадқиқ гирифт, масъалаи меъёрҳои арзиши одам то рафт бештар диққати нависандаро ба худ кашидааст. Равшан Махсумзод ин масъаларо дар ҳикояҳои худ гоҳо ба муносибате ва гоҳо махсусан мавриди омӯзиш ва таҳлили бадеӣ қарор додааст. Нависанда дар чанд ҳикоя рафтору кирдор ва фикру ақидаи одамони гуногунро бо камоли диққат ба мулоҳиза гирифта, як-як аз маҳаки одамият гузаронидааст ва арзиши инсонии онҳоро муайян кардааст.

Равшани Махсумзод нависандаи пуркору сермаҳсул аст. Дар даҳ соли охир 56 ҳикояаш дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудааст, ки зикри он ҳама ин ҷо ғунҷоиш надорад. Ин, албатта, аз ҷиҳати миқдор хеле хуб аст. Аммо ин нуқтаро бояд таъкид кард, ки бартарии миқдорӣ на ҳамеша тағйироти сифатӣ ба вуҷуд меорад. Ман бо ин таъкид карданиам, ки образҳои офаридаи Равшани Махсумзод аз ҷиҳати қувваи таъсири бадеӣ яксон ва дар як поя нестанд. Дар ҳикояҳои ӯ сужаҳои пурмоҷаро ба назар намерасад. Таҷрибаи қаламкашӣ ва мушоҳидаҳои амиқи нависанда ба ӯ имкон додааст, ки характеру образҳои мушаххас биофарад.

**ХУЛОСА**

Метавон гуфт, ки мавзӯи марказии ҳикояҳои Равшан Махсумзод ахлоқи ҳамидаи инсонист. Дар ҳамин замина силсилаи ҳикояҳои ӯ - «Арзи дил» (1997), «Қалами шинос» (1998), «Духтари кӯҳистон» (2003), «Сояи ишқ» (2007), «Кафан киса надорад» (2009), «Пули Сирот» (2012), «Дили модар»(2016) ва «Ишқи зистан»(2020) ба вуҷуд омадаанд.

Ба ин тариқ ҳама диққат ба тақдири инсон, ба олами маънавии он мутамарказ гаштааст. Нависанда аксаран бо эҳтироси тамом қалам меронад ва мо аз оҳанги сухани ӯ ҳиссиёти гуногунеро пай мебарем. Ин

ҳиссиёт гоҳ аз меҳру муҳаббат ва мафтуние нисбат ба як персонаж гоҳо аз беэътиноӣ ва кароҳат баъзан аз ҳамдардӣ ва меҳру шавқат ва мисли инҳо иборат аст. Ин эҳтироси пурқуввати нависанда ҳамеша муносибати вай, назари ӯ ва ҷаҳонбиниашро ифода мекунад. Ин муносибати ошкоро яке аз шаклҳои муҳими зоҳир шудани гуманизми фаъолонаи нависанда аст. Гуманизми Равшан Махсумзод на бо ним сухан, на бо ишорае, балки ҳамеша пурраву комил, бо овози баланд, бо эҳтироси тамом ифода меёбад. Гуманизми фаъолона ба мазмуни иҷтимоии тадқиқи бадеӣ қувваи махсус бахшидааст.

**КИТОБНОМА**:


1. Равшан Махсумзод. Ишқи зистан (Қисса ва ҳикояҳо) – Душанбе: " Руская литература", 2020, 192 саҳ.
2. Равшан Махсумзод. Сояи ишқ (Повест ва ҳикояҳо) – Душанбе: " Адиб" , 2007.
3. Равшан Махсумзод. Пули сирот (Ҳикояҳо, повестҳо, андешаҳо) – Душанбе: "Адиб", 2010, 258 саҳ.
4. Маҳмудов, М. А. Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳикояи муосири тоҷикӣ . – Душанбе, 2020. – № 1/3 (77). – С.28-33.

5. Адибони Тоҷикистон (маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ)./Таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим. – Душанбе, "Адиб", 2014, 122 саҳ.
6. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: "Маориф", 1990, 336 саҳ.
7. 13.Самадов А. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Самарқанд: нашри "Университети давлатии Самарқанд", 2000, 106 саҳ.
8. Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович.